**Тақриз**

**ба рисолаи номзадии Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна дар мавзӯи «Робитаи дуҷонибаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар сатҳи лексика)» барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20- забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ-типологӣ**.

Аз назари таҳлил гузаронидани иқтибосоти як забон дар забони дигар баҳри ба таври мушаххас ошкоршавии дараҷаи таъсири яке дар ғанигардии таркиби луғавии забони дигар мадад расонида, собит менамояд, ки ҳар кадом забони алоҳида наметавонад бе гирифтани унсурҳои луғавии забони бегона фақат аз ҳисоби захираҳои луғавии худ такомул ёбад. Исботи чунин ҳолат метавонад рисолаи номзадии унвонҷӯ Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна бошад.

Рисола, бино ба мутолиаи автореферати он, фарогири муқаддима, се боб, хулоса, рӯйихати асарҳои таҳқиқии истифодагардида ва феҳристи ихтисораҳост.

Унвонҷӯ дар муқаддима (с. 3-6) доир ба мубрамии мавзӯи рисолааш, дараҷаи арзёбӣ гардидани масъалаи таҳлилшаванда, мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошташуда, навоварии пажӯҳишаш, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамуда ва ба ин монанд масоил мулоҳизаронӣ карда, таъкид кардааст, ки ҳадафи асосии таҳқиқаш нишон додани робитаи тарафайни ду забон: тоҷикӣ ва англисӣ аст.

Боби якуми рисола «Корбурди вожаҳои тоҷикӣ дар забони англисӣ» (автореферат, с.6-11), боби дуюм "Корбурди вожаҳои англисӣ дар забони тоҷикӣ" (автореферат, с. 11-16) ва боби сеюм «Ҳамвожаҳои тоҷикиву англисӣ" (автореферат, с.16-24) ном дошта, дар фаслҳои мухталифи чунин бобҳо муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки масоили зеринро мавриди таҳқиқ қарор диҳад: сабабҳои роҳёбии вожаҳои иқтибосии забонҳои тоҷикиву англисиро дар замонҳои мухталиф нишон додааст; нақши унсурҳои иқтибосии ҳар ду забон дар такмили таркиби луғавии онҳоро бо зикри далелҳои мушаххас ошкор кардааст; вожаҳои иқтибосии забонҳои

тоҷикиву англисиро аз лиҳози маъно баррасӣ кардааст; аз нигоҳи савтиёт, ва хусусиятҳои луғавӣ ва сарфию наҳвӣ мутобиқат намудани иқтибосоти тоҷикиву англисиро арзёбӣ кардааст; дараҷаи шабоҳат ё таҳаввули иқтибосҳои тоҷикиву англисиро нишон додааст; аз сермаъноӣ ба маҳдудмаъноӣ ва, баръакс, аз маҳдудмаъноӣ ба сермаъноӣ майл намудани онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст; пайдоиши мувозиҳоро пас аз роҳёбии ин гуна унсурҳои луғавӣ ва сабабҳои ба вуқӯъ омадани чунин шаклҳоро зикр намудааст; сабабҳои кӯҳнагардии ин ё он вожаро дар забони асл, вале побарҷомонии онҳоро дар забони вомгирифта нишон додааст; нақши забонҳои миёнаравро иҷрнамоии ҳар ду забонро дар иқтибоси калимаҳои забонҳои дигари ҷаҳон баррасӣ кардааст; хусусиятҳои корбурди ҳамвожаҳоро дар забонҳои тоҷикиву англисӣ ба риштаи таҳлил кашида, онҳоро аз нигоҳи маъно гурӯҳбандӣ кардааст.

Аз мутолиаи фишурдаи рисола кас ба ин андеша мерасад, ки Ҳикматуллоева Н. А. аз ухдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромадааст. Аз ин рӯ, метавон муаллифро сазовори дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20- забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, киёсӣ-типологӣ ба шумор овард.

**Муқарриз**: номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва
русии Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон Ҷалолова Фотима Абдусаломовна

Имзои номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҷалолова Фотима Абдусаломовнаро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Бобоев Бобоҷон

13-уми ноябри соли 2020-ум